**Суратмаҷлиси № 3**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-068 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

аз 13-уми феврали соли 2023 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз **15** нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2023, №60 тасдиқгардида, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 11 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои Шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

**Шунида шуд:**

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи эскпертии Шурои диссертатсионӣ д.и.ф.,профессор Мухторов З. аъзои комиссияи экспертӣ д.и.ф., профессор Ҷамшедов П. ва д.и.ф., профессор Саидзода Ҳ. баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ- таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя қабул

карда шавад.

1. **Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:**

- **Тағоева Табассум Музафаровна** - доктори илми филологӣ, профессори кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

-**Ҷумаев Туйчибой Боқиевич** – номзади илми филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 26.04.2023 сол соати 13:00 таъйин карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология,
профессор — Ҷаматов С.С.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, номзади
илми филология, дотсент — Каримова Д.Н.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС